«Тасдиқ мекунам»
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент
__________ Сафарзода Д.Ҷ.
«_____» __________ 2025 сол

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон таҳқиқоти илмии анҷом ёфтае мебошад, ки аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз масъалаҳои муосир ва мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, мазмун ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ:** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муосир ва мубрами илми ҳуқуқшиносӣ, яъне нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, бораи таъсиси як ҷомеаи воқеан соҳибихтиёру демократӣ азм намуда, бунёди давлати ҳуқуқбунёдро ҳадафи ниҳоии худ қарор додааст. Асосҳои ҳуқуқии сохтори мазкур дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидааст. Ҳамзамон дар меъёрҳои он ҷиҳати амалан татбиқ намудани давлати ҳуқуқбунёд ҳокимият аз рӯи усули таҷзияи он ба се шоха: ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, ҷудо карда шудааст, ки дар

таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон дар кишвар заминаи ҳуқукиро фароҳам меорад.

Ҳокимияти судӣ дар раванди бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд ва таъмини адолати судӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷомеа ва таҳкими рушди устувори давлату давлатдории ҳар миллат нақши муҳим доранд.

Чуноне ки маълум аст ҳокимияти судӣ, бо доштани як қатор хусусиятҳои хоси худ, ба мисли мустақилият, беғаразӣ, салоҳияти касбӣ ва асоснокии мурофиавӣ, вазифадор аст, ки нақши муассирро дар таъмини адолат ва пойдории тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа иҷро намояд. Вазифаи асосии он ҳимояи инсон аз ҳама гуна зуҳуроти ғайриҳуқуқӣ, аз ҷумла амалҳо ва қарорҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ мебошад. Ҳамчун ниҳоди эътирофшудаи таъминкунандаи волоияти қонун ва кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳокимияти судӣ василаи муҳимми назорати ҳуқуқӣ аз болои фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдорро доро мебошад.

Ҷиҳати дарки масъалаи зикр гардида, зарурати гузаронидани таҳқиқоти илмӣ аз нуқтаи назари таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ ба миён омад. Омӯзиши илмӣ дар ин самт имконият медиҳад, ки ҷиҳатҳои мусбат ва манфии таъмини масъалаи мазкур дар Тоҷикистон муайян гардида, ҷанбаҳои мусбати он мавриди омӯзиш ва корбарӣ қарор гиранд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини бо сифати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва фаъолияти бо самари ҳокимияти судӣ пайваста тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд. Андешаи мазкур моҳияти расмии худро аз ҷониби роҳбарияти олии кишвар низ пайдо кардааст. Аз ҷумла, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 23 январи соли 2015, таъкид намуданд, ки "таҳкими ҳокимияти судӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба шумор меравад, зеро масъалаи таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шахс маҳз бо фаъолияти ин ниҳод алоқамандӣ дорад"

Ба андешаи муаллиф амалигардонии пайвастаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон ба таҳкими ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи комилҳуқуқ ва мустақили ҳокимияти давлатӣ равона карда шудааст. Дар заминаи ислоҳотҳои мазкур як қатор санадҳои муҳимми меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки ҳадафи онҳо беҳсозии низоми судӣ, болобурди шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва дастрасӣ ба адолати судӣ мебошад. Инчунин, ҷиҳати таҳкими иқтидори кадрии мақомоти судӣ, ташаккули

кафолати мурофиавии мустақилияти судҳо, навсозии заминаи моддию техникии онҳо ва ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи мурофиаи судӣ тадбирҳои бунёдӣ андешида шуданд.

**3. Дараҷаи асоснокунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд:** Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи: «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» арзишманд буда, натиҷаҳои он аз таҳлили ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводи тафтишотию судӣ ва адабиёти илмӣ бармеоянд. Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда мафҳум ва моҳияти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсонро аз ҷониби мақомоти судӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, онро дар қонунгузории миллӣ, хориҷӣ ва байналмилалӣ таҳлил намояд.

Бояд тазаккур дод, ки унвонҷӯ дар ҳалли масъалаҳои илмие, ки вобаста ба рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад саҳми назарраси худро гузоштааст. Ҳамзамон мушкилотҳои илмиеро коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва такмили қонунгузории мамлакат метавонанд саҳми назаррас гузоранд, аз ҷумла:

– дар доираи асосҳои назариявии таҳқиқот, аз ҷониби муаллиф маҳфумҳои асосӣ ва ҷузъҳои таркибии он, инчунин тавсифи моҳиятии нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҳқиқ карда шудааст;

– дар доираи асосҳои таърихӣ, аз ҷониби муаллиф раванди таҳаввулоти ташаккул ва рушди танзими ҳуқуқии фаъолияти мақомоти судӣ дар доираи се марҳилаи давлатдории тоҷикон – пеш аз шуравӣ, шуравӣ ва пас аз шуравӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ҷанбаҳои мусбат ва камбудиҳо дар ҳар як марҳилаи зикршуда муайян карда шудааст;

– дар асоси истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷониби муаллиф таҳлили муқоисавии қонунгузории ватанӣ бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар ин самт гузаронида шудааст;

– дар доираи омӯзиши қонунгузории ватанӣ дар самти таҳқиқшаванда кафолатҳои ҳуқуқии таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян карда шудаанд;

– дурнамои рушд ва таҳлили ҳамаҷонибаи тадбирҳо оид ба дигаргунсозии низоми судӣ ва тақвияти самаранокии он дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд пешниҳод карда шудаанд.

Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мафҳумҳо ва ақидаҳоро дар бораи нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҳия ва коркард намуда, тавсияҳои илмию амалӣ оид ба тақвият бахшидан ба сифат ва самаранокии фаъолияти мақомоти судӣ, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби ин мақомот ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандони мақомоти судиро манзур менамояд.

Андешаи мазкур ба натиҷаҳои эътирофшудаи илмӣ, маводи таърихӣ-ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ асос ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқот ба омӯзиши ҳамаҷонибаи назариявию амалии нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳлили хулосаҳои бадастомада, пешниҳодҳо ва хулосаҳои илман асосноккардашуда дар рисола пешниҳодгардида, навоварии илмии таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон алоқаманд аст, асос ёфтаанд.

Хулоса кардан мумкин аст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф кӯшиш намудааст, ки нуктаи назари худро баён намояд, лаҳзаҳои баҳснокро ҷудо намуда, таваҷҷуҳро ба ақидаҳои нав ҷалб карда, фаҳмиши худро дар бораи масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки дар ин самт ба миён меоянд, пешкаш намояд.

Ҳамзамон, мақсади таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф ин омӯзиши ҳамаҷониба ва маҷмуии масъалаҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби мақомоти судӣ, ки ба он мушкилоти танзими ҳуқуқии масъалаи баррасишаванда, муайян намудани мафуҳмҳои асосӣ ва омилҳои махсуси моҳияти он, таҳлили таърихии масъала бо мақсади муайян намудани раванди ба он алоқаманд, инчунин омӯзиши муқоисавии қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои якхела ва фарққунанда, ки барои татбиқ кардан дар амалияи қонунгузории ватанӣ имконпазиранд, мақсади таҳқиқоти мазкурро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр, дарки назариявии масъалаи нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар доираи илмии кишвар ба таври зарурӣ баррасӣ карда нашудааст. Дар адабиёти ватанӣ таҳқиқоти алоҳида оид ба муайян намудани моҳияти ин падидаи мураккаб вуҷуд дорад, аммо ба таври комплекси масъалаи мазкур

омӯхта нашудааст. Бинобар ин, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини он ҳамчун падидаи мураккаб ва муҳимми илмӣ ба таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ-таърихӣ эҳтиёҷ дорад.

Муаллиф қайд менамояд, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар илми муосир мавзуи баҳсталаб буда, бахусус дар шароити кунунии ҷамъияти демократию ҳуқуқбунёд омӯзишу таҳлил ва таҳкими ҷиддиро талаб менамояд. Ба андешаи муаллиф, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар қонунгузорӣ муқаррар карда шудаст ба фаъолияти муназами мақомоти судӣ алоқаманд мебошад.

**4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда:** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар сатҳи илмӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти марҳилаҳои ташаккул, рушди институтсионалӣ ва тағйироти он дар заминаи ислоҳоти ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст. Пажуҳиши мукаммали мақоми ҳуқуқии конститутсионӣ, салоҳият, шаклҳои ташкилӣ ва принсипҳои фаъолияти он, инчунин омилҳое, ки алоқамандии ҳокимияти судиро бо дигар шохаҳои ҳокимият муайян менамоянд, имкон фароҳам меорад, ки сабабҳои объективӣ ва субъективии паст будани самаранокии фаъолияти судӣ амиқан муайян карда шавад. Таҳқиқоти мазкур бошад, метавонад заминаҳои илмии асоснокро баҳри ҳалли мушкилоти ҷойдошта, инчунин такмили низоми судӣ ва таҳкими самаранокии он дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон пешниҳод намояд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи мафҳум ва моҳияти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муаллиф хулосаҳои зеринро пешниҳод кардааст:

1. Аз рӯи мазмун, институти ҳимояи ҳуқуқи инсон фарогирандаи унсурҳои гуногуни ташкилӣ, танзимнамоӣ, коммуникатсионӣ, ахлоқӣ ва ғайра буда, аз нигоҳи функсионалӣ ва моҳияти табиии худ баҳри татбиқи раванди воқеии таъмини ҳимояи ҳуқуқи инсон нигаронида шудааст. Бо ин назардошт, институти ҳимояи ҳуқуқи инсон институти мукаммал буда, дар худ тамоми маҷмӯи меъёрҳои инфиродӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқиро баҳри таъмини ҳимояи ҳуқуқи инсон ҷой додааст. Бо дарназардошти ин, категорияҳои «ҳимояи давлатӣ», «ҳимояи ҳуқуқӣ», «ҳимояи судӣ» ва ғ., ки дар илм ва амалияи қонунгузорӣ мавҷуданд, мафҳумҳое мебошанд, ки қисман ҳамдигарро такрор, муттаҳид ва пурра менамоянд. Ҳолати мазкур ифодакунандаи он мебошад, ки ҳамаи онҳо аз

нигоҳи хусусиятҳои ба табиаташон мутааллиқбуда, ифодакунандаи як падида – институти ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошанд.

2. Фаҳмиши категорияи "ҳимояи ҳуқуқи инсон" на танҳо ошкор кардани хусусиятҳои пурмазмуни онро талаб мекунад, балки ҷудоии возеҳи методологиро аз мафҳумҳои ҳуқуқии ҳамҷавор, аз ҷумла аз истилоҳи "ҳифзи ҳуқуқи инсон" талаб мекунад. Гарчанде ки ҳардуи ин падидаҳо ба таъмини татбиқи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шахс нигаронида шудаанд ва аксар вақт механизмҳои шабеҳи ҳуқуқӣ ва ташкилиро истифода мебаранд, байни онҳо дар табиати ҳуқуқӣ ва мазмун фарқиятҳои ҷиддӣ мавҷуданд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия:** Диссертатсияи номзадии Исозода Баҳодур Чиллахон ба яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқшиносӣ – нақши ҳокимияти судӣ дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст. Ин таҳқиқот дар шароити ҳозира, ки ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идома ёфта истодаас, аҳамияти калон дорад. Қайд намудан ба маврид аст, ки аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия вобаста ба асосноккунии илмӣ шарҳ дода мешавад. Ин таҳлил дар асоси хулосаҳои муаллиф, шарҳи роҳбари илмӣ, комиссияи экспертӣ ва кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ асос ёфтааст.

**Аҳамияти илмӣ.** Натиҷаҳои диссертатсия дар соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ навоварӣ доранд, зеро ин аввалин таҳқиқоти комплексии назариявӣ-ҳуқуқӣ дар бораи механизми давлатии таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Тоҷикистон аст. Муаллиф ҳокимияти судиро ҳамчун унсури марказии ҳимояи ҳуқуқҳо таҳлил карда, хусусиятҳои институционалӣ, ташкилӣ-функсионалӣ ва сохтории онро ошкор менамояд. Масалан, дар диссертатсия ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ҳамчун низоми мураккаб, ки механизмҳои ҳуқуқӣ, хусусӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилӣ-институционалиро дар бар мегирад, муайян шудааст. Ин навоварӣ дар он аст, ки қаблан дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик бештар ба ташкил ва фаъолияти мақомоти судӣ диққат дода мешуд, на ба нақши онҳо дар ҳифзи ҳуқуқҳо.

Диссертатсия принсипҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ, мустақилият, волоияти Конститутсия, қонуният, ошкорбаёнӣ ва адолатро ҳамчун омилҳои самарабахшии онҳо баррасӣ мекунад. Натиҷаҳо метавонанд ҳамчун асос барои таҳқиқотҳои минбаъда дар соҳаҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи муқоисавӣ истифода шаванд.

**Аҳамияти амалӣ.** Натиҷаҳои диссертатсия амалӣ буда, пешниҳодҳои мушаххас барои такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ пешкаш мекунанд. Муаллиф масъалаҳои ҳимояи судии ҳуқуқҳои инсон, намудҳои мурофиаҳои судӣ ва омилҳои таъсиррасон ба самарабахшии онҳоро таҳлил карда, тавсияҳо медиҳад. Масалан, барои ҳалли мушкилоти мустақилияти судҳо ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, пешниҳодҳои ислоҳи қонунгузорӣ ва таълимӣ (баланд бардоштани малакаи судяҳо) нигаронида шудаанд. Ин тавсияҳо метавонанд дар мақомоти судӣ, прокуратура ва дигар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ татбиқ шаванд.

**Аҳамияти иқтисодӣ.** Гарчанде дар диссертатсия аҳамияти иқтисодӣ мустақиман зикр нашуда бошад ҳам, натиҷаҳо ба рушди иқтисодии Тоҷикистон мусоидат мекунанд. Ҳокимияти судии мустақил ва самарабахш ҳуқуқҳои моликият, озодии тиҷорат ва ҳимояи сармоягузориро таъмин намуда, ҳуқуқвайронкуниро кам ва муҳити тиҷоратиро бехтар мегардонад. Масалан, дар шароити муосир дар Тоҷикистон ҷалби сармояи хориҷӣ идома дорад ки, барои соҳибкорон ва рушди иқтисодии мамлакат мусоидат мекунад. Дар ҳолати афзудани шикоятҳои марбут ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ (масалан, дар судҳои иқтисодӣ), ин таҳқиқот метавонад хароҷотҳои марбут ба низоъҳои судиро кам кунад ва устувории иқтисодиро таъмин намояд.

**Аҳамияти иҷтимоӣ.** Натиҷаҳои диссертатсия аҳамияти бузурги иҷтимоӣ доранд, зеро ба баланд бардоштани эътимоди ҷомеа ба ҳокимияти судӣ ва таъмини суботи иҷтимоӣ мусоидат мекунанд. Муаллиф ҳокимияти судиро ҳамчун кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон (мувофиқи моддаҳои 5, 14, 19-и Конститутсия) муайян карда, нақши онро дар пешгирии вайронкунии ҳуқуқҳо, аз ҷумла, ҳуқуқ ба ҳаёт, озодии сухан ва адолат таҳлил намояд. Ин ба ҳамоҳангии миллӣ ва тарғиби фарҳанги ҳуқуқӣ миёни аҳолӣ кӯмак мерасонад.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳо метавонанд дар сиёсати давлатӣ татбиқ шуда, ба субот ва рушди иҷтимоӣ кӯмак расонанд. Ин натиҷаҳо дар шароити равон, ки Тоҷикистон ба ҳамгироии байналмилалӣ ва ислоҳот талош дорад, аҳамияти стратегӣ доранд ва метавонанд барои такмили системаи ҳуқуқӣ истифода шаванд. Диссертатсия ба ҳимоя тавсия шуда, натиҷаҳои он барои ҷомеа ва илм арзишмананд.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо дастрасии усулҳои илмии санҷидашуда, аз ҷумла маҷмуи методҳои махсуси илмӣ - назариявӣ, фалсафӣ-мантиқӣ, қиёсию ҳуқуқӣ, таърихӣ ва низомнок

истифода карда шудааст. Муаллиф ба таҳлили маводҳои воқеии таҷрибаи судӣ, маълумоти омории мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунии солҳои 2014 - 2025 такя намудааст, ки асоси боэътимоди натиҷаҳо ва хулосаҳои илмиро ташкил медиҳад.

Дурустии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи манбаъҳои боэътимоди илмӣ ва таҷрибавӣ, ба монанди адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунгузории Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ, инчунин санадҳои ҳокимияти судӣ тасдиқ гардидааст. Таҳлили амиқу дақиқи ин маводҳо имкон медиҳад, ки натиҷаҳо бо далелҳои воқеӣ тасдиқ гардида, аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳуқуқӣ ба таври пурра дуруст бошанд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки муаллиф бо истифода аз таҳлили ҳамаҷониба, далелҳои ҳуқуқӣ ва амалияи воқеӣ пешниҳодҳои мушаххаси назариявию амалиро барои такмил додани қонунгузории низоми судии кишвар таҳия кардааст. Ҳар як хулоса ва пешниҳоди муаллиф бо далелҳои боэътимоди илмӣ, таҳлили мантиқӣ ва таҷрибаи воқеии ҳуқуқтатбиққунӣ асоснок гардида, барои татбиқ дар қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ заминаи кофӣ доранд. Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии илмӣ ва амалӣ фарқ карда, барои истифода дар фаъолияти илмӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ мувофиқ ва судманд мебошанд.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот зикргардида, ҳам барои ҳалли масъалаҳои умумии назариявии вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ҳам барои таҳияи барномаҳои маҷмуии мақсаднок, ки ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва пурзӯр намудани самаранокии фаъолияти мақомоти судӣ нигаронида шудаанд, заминаи илмӣ фароҳам меоранд.

**7. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии диссертант Исозода Баҳодур Чиллахон дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи баланди навгонии илмии кор, масъалагузории илмӣ ва услуби навишти диссертатсия пурра тасдиқ мегардад. Ҳамаи нуктаҳои асосии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаандшаванда аз тарафи муаллиф коркард бевосита эҷод ва асоснок карда шудааст.

Ҳамзамон, саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар навовариҳои илмии таҳқиқот, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаронихо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва

байналмилалӣ муайян мегарданд. Илова бар ин, тарзи ифоданамоӣ, таҳлил ва ҳалли мушкилот дар раванди таҳқиқ ва услуби навишти рисола, саҳми шахсии муаллифро бозгӯӣ менамоянд. Инчунин, пажуҳишгар тавассути мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ доир ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳимояи судии ҳуқуқи инсон пешниҳодҳо манзур намудааст.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ:** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Баҳодур Чиллахон дар 10 мақолаҳои илмӣ инъикос гардида, ба масъалаҳои мубрам ва пахдуҳои гуногуни «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишор тавсия шудаанд ва 5 мақола дар дигар маҷалаҳои илмии эълоншуда. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

**Мақолахое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Исозода, Б.Ч. Значение судебной защиты в системе механизмов защиты прав человека [Текст] / Б.Ч. Исозода // Государствоведение и права человека. – 2017. – № 2 (06). – С. 71-72. – ISSN: 2414-9217.

[2-М]. Исозода, Б.Ч. Понятие и сущность судебной защиты прав человека [Текст] / Б.Ч. Исозода // Государствоведение и права человека. – 2017. – № 4 (8). – С. 129-134. – ISSN: 2414-9217.

[3-М]. Исозода, Б.Ч. Заминаҳои таърихии ислоҳот ва такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / Б.Ч. Исозода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 4 (32). – С. 83- 94. – ISSN: 2414-9217.

[4-М]. Сафарзода, Б.А., Исозода Б.Ч. Масъалаҳои назариявии раванди ислоҳот ва такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.А. Сафарзода, Б.Ч. Исозода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 4 (32). – С. 7- 14. – ISSN: 2414-9217.

[5-М]. Исозода, Б.Ч. Шакл ва принсипҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / Б.Ч.

Исозода // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №6. Қисми 1 – С. 264-271. – ISSN: 2413-5151.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[6-М]. Исозода, Б. К вопросу о понятии судебной защиты прав человека [Текст] / Б.Ч. Исозода // Материалы Республиканской научно-практической конференции «30 лет независимости: этапы пройденного пути, реалии и перспективы». – Душанбе, 2021. – С. 126-129.

[7-М]. Исозода, Б.Ч. Таносуби мафҳуми ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи инсон [Матн] / Б.Ч. Исозода // Материалы международной научно-практической конференции «Таджики в зеркале истории», посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова (27 октября 2023 года). Часть I. (право, экономика). – Душанбе, 2023. – С. 95-101.

[8-М]. Сафарзода, Б.А., Исозода Б.Ч. Исторические предпосылки реформирования судебной власти в Республике Таджикистан [Текст] / Б.А. Сафарзода, Б.Ч. Исозода // Материалы международной научно-практической конференции «Таджики в зеркале истории», посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова (27 октября 2023 года). Часть I. (право, экономика). – Душанбе, 2023. – С. 178 185.

[9-М]. Сафарзода, Б.А., Исозода Б.Ч. Понятие института защиты прав человека [Матн] / Б.А. Сафарзода, Б.Ч. Исозода // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқши-носӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 52-58.

[10-М]. Исозода, Б.Ч. Мафҳум ва моҳияти ҳимояи судии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ч. Исозода // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 52-58.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:** Дар муқаддамаи кори мазкур аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуъ ба таври мушаххас асоснок гардида, сатҳи таҳқиқоти мавзуъ дар адабиёти илмӣ арзёбӣ шудааст. Дар баробари ин, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи асосии он муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва методологии он дақиқ карда шудаанд. Инчунин, вазифаҳои таҳқиқот ва унсурҳои навгонии илмии мавзуи таҳқиқшуда ба таври мушаххас нишон дода шудаанд. Нақша ва сохтори

диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмӯи масъалаҳои муҳим ва зарурииро барои ҳалли мавзӯи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд.

Сохтори рисолаи номзадии Исозода Баҳодур Чиллахон бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз муқаддама, 3 боб, 5 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 201 саҳифаро дар бар мегирад.

**Дар боби якум** – муаллиф ба масъали асосҳои назариявии мафҳум, моҳият ва мазмуни ҳимояи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳ намудааст. Дар баробари баррасии мафҳум ва моҳияти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муаллиф рушди қонунгузории Тоҷикистон вобаста ба ҳимояи ҳуқуқи инсон, чун қоида, ба фаъолиятҳое дахл дорад, ки ба барқарор кардани ҳуқуқҳои аллакай вайроншуда, пешгирии амалҳои ғайриқонунӣ ва ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидан нигаронида шудаанд. Дар айни замон, ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун механизми пешгирикунанда, ки ба пешгирии қонуншиканиҳои эҳтимолӣ равона шудааст, амал мекунад. Гузаронидани чунин тафриқа ҳам барои дарки назариявӣ-ҳуқуқии низоми танзими ҳуқуқӣ ва ҳам барои таъмини фаъолияти самараноки механизмҳои татбиқ ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои шахс аҳамияти муҳим дорад. Дар ин замина, ҳифз ва ҳимоя метавонад ҳамчун ҷанбаҳои гуногуни падидаи умумии ҳуқуқӣ - низоми таъмини ҳуқуқии ҳуқуқи инсон баррасӣ карда шавад. (с. 56).

Муаллиф дар таҳқиқот ба он далел ишора намудааст, ки мафҳуми «кафолат додан» таъмини ҳифзи ҳуқуқҳоро дар назар дорад, ки ҳокимияти судиро ҳамчун ниҳоди калидӣ дар ин соҳа муайян мекунад. Ҳокимияти судӣ тавассути шаклҳои гуногуни мурофиаи судӣ, аз ҷумла мурофиаи конститутсионӣ, шаҳрвандӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ, риояи ҳуқуқҳо ва озодиҳоро таъмин менамояд. Ин судҳо ҳимояи ҳуқуқиро ҳам дар парвандаҳои маданӣ ва ҷиноятӣ ва ҳам дар баҳсҳои маъмурӣ таъмин намуда, як механизми мукаммали таъмини ҳуқуқиро эҷод мекунанд, ки доираи васеи муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро фаро мегирад. (с. 58).

Муаллиф қайд мекунад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон сохтори дохилии мураккаб доранд ва бо назардошти маҳакҳои гуногун метавонанд ба гурӯҳҳо ҷудо шаванд. Аз ҷумла: аз рӯи субъектҳо – ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи шаҳрванд; аз рӯи хусусият ва муҳтаво – ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ; аз рӯи мустаҳкамсозии ҳуқуқӣ – асосӣ ва иловагӣ; аз рӯи маҳдудсозӣ – ҳуқуқҳои мутлақ ва нисбӣ. (с. 60).

Муаллиф таъкид мекунад, ки ҳимояи судии ҳуқук ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унсури калидии давлати ҳуқуқбунёд мебошад, ки дар Конститутсия ҳамчун ҳуқуқи мустақими ҳар шахс муқаррар шудааст. Он ҳамчун як механизми универсалӣ ва мурофиавӣ баҳри таъмин, ҳимоя ва барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои поймолшудаи амал мекунад. (с. 85).

**Боби дуюм** – ба масъалаи фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст. Дар доираи фаъолияти татбиқи ҳуқуқ, вазифаҳои ҳокимияти судӣ хусусияти маҷмӯӣ доранд ва ҳам аз ҷиҳати муҳтавои ҳуқуқӣ (ба амал баровардани адолати судӣ, пешгирии вайронкунии қонун, назорат бар риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ), ва ҳам аз ҷиҳати мурофиавӣ (таъмини адолат, шаффофият, риояи кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқ) зуҳур мекунанд. Аз ин рӯ, ҳокимияти судӣ вазифаҳои моддӣ ва мурофиавиро амалӣ намуда, ҳамчун кафили тартиботи ҳуқуқӣ баромад мекунад. (с. 115-116)

Мавзуи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилиро баррасӣ намуда, дар он таъкид гардидааст, ки Тоҷикистон дар сатҳи конститутсионӣ ҳамчун давлати иҷтимоӣ эълон гардида, барои татбиқ намудани он давлат сиёсати иҷтимоиро роҳандозӣ менамояд, ки он аз функсияи иҷтимоии давлат бармеояд. Дар Тоҷикистон сиёсати бомуваффақияти иҷтимоӣ роҳандозӣ гардидааст, ки ҷузъи таркибии он инчунин ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД мебошад (с. 112).

Муаллифи диссертатсия таъкид менамояд, ки дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ мушкилоти муайяне мавҷуд аст, ки ба андешаи диссертант, дар набудани ягонагии кофӣ дар таҷрибаи судӣ мебошад, ки дар навбати худ ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсири манфӣ мерасонад. Ҳангоми омӯзиши таҷрибаи судӣ дар ягон масъала дар ноҳияҳои гуногун, аммо як системаи судҳо, шумо албатта фарқияти муносибати судҳоро ба як масъалаҳои ҳуқуқии мушкилот пай мебаред. (с. 129).

Ғайр аз ин муаллиф қайд мекунад, ки принсипи ягонагии ташкилот ва фаъолияти ҳокимияти судӣ имкон медиҳад, ки дар бораи мавҷудияти чунин як механизми ягона дар давлат сухан ронем, ки қодир аст дар сатҳи баландтарин вазифаи асосии таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намояд.

Муаллиф ишора менамояд, ки Асоси муҳимтарини ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судӣ принсипи оммавӣ мебошад. Ин принсипро аз

принсипҳои механизми татбиқи ҳокимияти судӣ, ба монанди ошкоро сурат гирифтани мурофиаи судӣ ва дастрасӣ ба он фарқ кардан лозим аст. Принсипи оммавии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судӣ ба принсипи оммавият дар ташкили ҳокимият дар маҷмӯъ ва хусусан ҳокимияти давлатӣ асос ёфтааст.

Илова бар ин, принсипи оммавияти ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судӣ маънои онро дорад, ки ин фаъолияти ҳокимиятӣ аз номи давлат бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодиҳо, ҳам шахс ва ҳам манфиатҳои ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад.(с. 130).

Дар натиҷаи таҳлил муаллиф ба хулоса омадааст, ки Принсипҳои ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судӣ принсипҳои асосӣ, заминавие мебошанд, ки моҳият ва таъиноти ҳокимияти судиро инъикос намуда, самтҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро муайян мекунанд. Онҳо бо мақоми махсуси ҳокимияти судӣ асоснок, бо ҳамдигар робитаи зич доранд, ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсири бевосита мерасонанд.

Фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба монанди ҳама гуна низоми иҷтимоӣ, ба принсипҳои муайян асос ёфтааст. Принсипҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ *принсипҳои объективии асосиро дар бар мегиранд, ки табиати онро* ҳамчун шохаи мустақили ҳокимият инъикос мекунанд, асосҳои ғоявии ташкил ва фаъолияти он, ки бевосита дар санадҳои конститутсионӣ ё меъёрӣ мустаҳкам карда шудаанд ё аз мундариҷа ва табиати ҳуқуқии худи ҳокимияти судӣ бармеоянд.

**Дар боби сеюм** – масъалаи дурнамои такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардидааст. Дар боби мазкур, яке аз масъалаҳои марказие, ки муаллиф дар рисола таҳқиқ намудааст, ин дар айни замон таъсиси судҳои махсус муносибати амиқ ва системавиро талаб намуда, таҳияи маҷмӯи тадбирҳоро ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ ва ҳам дар сатҳи моддию техникӣ тақозо мекунад. Ҳамин тавр, агар сухан дар бораи таъсиси судҳои ноболиғон равад, пас тавре ки мо қайд кардем, заминаи муайяни қонунгузорӣ аллакай ташаккул ёфтааст, ҳалли масъала бо иқтидори кадрии корпуси судӣ ва ҳалли ҷузъҳои иқтисодии ин раванд боқӣ мемонад. Дар робита ба ин, қадами навбатӣ дар ин самт, ба андешаи мо, таъсиси институти судяҳои махсусгардонидашуда оид ба корҳои оилавӣ дар назди судҳои салоҳияти умумӣ мебошад. Фаъолияти муайян дар ин самт аллакай идома дорад, аз ҷумла Дар назди Суди Олӣ Коллегияи корҳои оилавӣ таъсис дода шудааст. Ин иқдом, ба назари мо,

барои марҳилаи ниҳоии такмили фаъолияти судӣ, яъне таъсиси судҳои ноболиғон заминаи мустаҳкам фароҳам меорад. (с. 153).

Муаллиф таъкид менамояд, ки барои фаъолияти самараноки ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳокимияти судӣ таснифи вазифаҳои он аз рӯи як қатор меъёрҳои асосӣ мақсаднок ба назар мерасад. Ба онҳо дохил мешаванд: намуди мурофиаи судӣ (ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ ва ғ.); механизми татбиқи ҳуқуқ (меъёрӣ, мурофиавӣ, назоратӣ); ҳайати субъектӣ (судҳои умумӣ, мақомоти махсусгардонидашуда, Суди конститутсионӣ); инчунин дараҷаи зарурият ва фаврӣ (вазифаҳои ҷорӣ ва стратегӣ). Чунин типология ба муайян кардани афзалиятҳо дар сиёсати судӣ, муайян кардани захираҳои рушди институтсионалии он ва мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссиям олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:** Диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи: «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ», ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Исозода Баҳодур Чиллахон ба ихтисоси илмии дархостшаванда 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки дар диссертатсия Диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи: «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти анҷомёфта мебошад.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия:** Дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд, чунончи:

1. Муаллиф дар навгонии 3 дар натиҷаи омӯзиши муайян менамояд, ки ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқук ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар тамоми ҷомеаи байналмилалӣ нақши калидиро иҷро менамояд. Аз таҳлили муқаррароти Конститутсияи ҶТ метавон чунин хулоса намуд, ки дар он як қатор муқаррароте ҷой гирифтаанд, ки муайянкунандаи самтҳои асосии ҳимояи судӣ, ҳуқуқу озодиҳои зери ҳимояи судӣ қарордошта, намудҳои дахлдори фаъолияти судӣ, шартҳои дурусти

ташкили фаъолияти судӣ ва кафолатҳои амалисозии ҳимояи судӣ мебошанд. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо метавон ба чунин натиҷа расид, ки ҳимояи судии ҳуқуқи инсон – ин маҷмӯи ҳуқуқҳои моддӣ ва мурофиавии ба ҳар як шахс, новобаста аз тафовутҳои иҷтимоӣ, ҷинсӣ, нажодӣ, миллӣ, забонӣ ё мансубияти сиёсӣ ва ё асли баромад, вазъи молумулкӣ ва мақоми расмӣ, ҷойи истиқомат ва таваллуд ва ғ. мутааллиқбудае мебошад, имконияти барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда ё пешгирӣ кардани истифодаи ғайриқонунии меъёрҳои ҳуқуқиро тавассути муроҷиат намудан ба суд, фароҳам меорад.

Дар ин нуқтаи назар муалиф оид ба нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар тамоми ҷомеаи байналмилалӣ нақши калиди доштаро зикр менамояд, вале дар асоси муқарраротӣ Конститутсияи ҶТ хулосагирӣ менамояд, ҳамзамон дар муайян намудани мафҳуми ҳимояи судии ҳуқуқи инсон ибораи пешгирӣ кардани истифодаи ғайриқонунии меъёрҳои ҳуқуқиро тавассути муроҷиат намудан ба суд овардааст, ки аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки масъалаҳои зикргардидаро бо далелҳо мустаҳкам намояд.

2. Муаллиф тавсия ва пешниҳодҳо оид ба такмил додани қонунгузорӣ банди дуюм қайд менамояд, ки: айни замон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафи дақиқ ва ягонаи умумии ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ муайян карда нашудааст. Бо ин мақсад, пешниҳод мегардад, ки ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» моддаи алоҳида ворид карда шуда, ҳадафҳои умумии ҳокимияти судӣ дар шакли – «таъмин ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният, адолат ва волоияти Конститутсия» муқаррар карда шавад.

Чуное ки маълум аст дар Конститутсияи ҶТ ва қонунгузории кишвар мустақилияти ҳокимияти судӣ ба таври мушахас муқаррар карда шудааст. Аз ин рӯ, аз муарифи рисола хоҳиш карда мешвад, ки тавсияи пешниҳод намударо ба таври возеҳ шарҳ диҳад.

3. Дар натиҷаи таҳлили зербоби 2.1. муаллиф дар охир чунин қайд менамояд, ки функсияҳои ҳокимияти судӣ самтҳои нисбатан устувори фаъолият мебошанд, ки аз ҷиҳати меъёрӣ ва институтсионалӣ танзим шудаанд ва моҳияти аслии онро ифода мекунанд. Ин функсияҳо ҳам аз вазифаҳои умумии давлат ва ҳам аз хусусиятҳои низоми судӣ бармеоянд. Аз ҷумла, функсияҳои универсалӣ (ҳуқуқӣ, ҳимоявӣ, танзимкунанда, тарбиявӣ, идеологӣ) ва функсияҳои махсус (функсияи адолати судӣ,

функсияи назорати конститутсионӣ, функсияи назорати мурофиавӣ) ҷудо карда мешаванд. Дар миёни онҳо функсияи ҳуқуқмуҳофизатӣ мақоми марказӣ дорад, ки татбиқи он риоя ва барқарор кардани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи шахсро таъмин мекунад.

Дар ин қисмат дисерртант ду функсияи ҳокимияти судӣ: функсияҳои универсалӣ ва функсияҳои махсусро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки дар миёни онҳо функсияи ҳуқуқмуҳофизатӣ мақоми марказӣ дорад. Вобаста ба ин аз муаллифи рисола хоҳиш карда мешвад, ки андешаи худро возеҳ бо далелҳо исбот намояд.

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия:** Хулоса, рисолаи диссертатсионии Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат сазовор аст.

Тақризи муассиса дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Холинова Мижгона Муборакшоевна омода гардидааст.

Такриз дар ҷаласаи кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст (протоколи №3 аз 27 сентябри соли 2025).

Дар семинар иштирок доштанд: 11 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 11 нафар, зид – нест, бетараф нест.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи назарияи давалат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулхонов Ф.М.

**Ташхисгар:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи назарияи давлат
ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Холинова М.М.

**Котиб:** мутахассис-коргузори кафедраи
назарияи давалат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Иброҳимова Д.Ҳ.

**Имзоҳои** Холинова М.М., Абдулхонов Ф.М., Иброҳимова Д. Ҳ. -ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насрудинзода А.

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел: 224-17-86, 224-83-93 (факс), email: info@apa.tj.